**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Ҳисайнов Далер Эмомович дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)» барои дарёфти дараҷаи номзади имлҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника**

Дар солҳои охир аз таъсири омилҳои гуногун минтақаҳои табиии лӯбиёгиҳои худрӯйи якчанд маротиба коҳиш ёфтанд. Дар робита ба ин, зарурати таҳлили пурраи минтақаҳои табиии лӯбиёгиҳои худрӯй бо назардошти ҳалли мушкилоти зикршуда вуҷуд дорад.

Зиёд намудани маҳсулнокии табиии намудҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи маҳаллӣ дар ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу) имкон медиҳад, ки дараҷаи хӯроки чорворо дар пойгоҳ барои чорвопарварӣ беҳтар намояд, зеро намояндагони оилаи лӯбиёгиҳо манбаи арзишноки растаниҳои дар таркибашон сафеда ва аминокислотаҳои муҳимдошта ба ҳисоб мераванд.

Аз ҷиҳати илмӣ - амалӣ, инчунин, арзиши ҳифзи табиат барои маълумоти мукаммал оид ба хусусиятҳои биологию экологӣ ва захираҳои биологии ин намуди растаниҳо дар шароити табиии макони онҳо имконияти парвариш кардани онҳоро медиҳад.

Ҳалли ин масъалаҳо омӯзиши асосии кори диссертатсионии унвонҷуй ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои таҳқиқот аз омӯхтани хусусиятҳои муҳимтарини биологию экологии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво, омӯхтани хусусиятҳои нашъунамо ва инкишофи баъзе растаниҳои лӯбиёгиҳои яксолаи худрӯйи хӯроки чорво дар шароити парвариш, гузаронидани таҳқиқот барои қобилияти интродуксионӣ дар шароити кишт ва парвариш намудан, муайян намудани нашъунамои тухмиҳо, хусусиятҳои афзоиш ва инкишоф дар шароити парвариш кардан ва тавсияҳо оид ба ҳифз ва оқилона истифодабарии захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво дар ҳавзаи дарёи Яхоб дар бар мегиранд

Унвончуй самт, мақсад, вазифаҳои кори диссертатсиониашро муайян намуда, равишҳо ва роҳҳои ҳалли вазифаҳои ба миёнгузоштаро таҳия намудаанд. Шахсан дар таҳқиқоти саҳрой, ҷамъоварӣ ва таҳлил, коркарди маълумоти оморӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, тартиб додани хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ иштирок намудааст.

Кори диссертатсионии Ҳисайнов Далер Эмомович ҳамчун кори илмӣ-тахассусии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Низомномаи шурои диссертатсиониҳо, Тартиби додани дараҷаҳои илмҳо, Тартиби додани унвонҳои илмҳо ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда", бандҳои 31, 32, 33, таҳти № 267 аз 30 июни соли 2021 пурра мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- Ботаника мебошад.

Директори МДИ "Маркази инноватсионии биология ва тиб"- и АМИТ,
доктори илмҳои биологӣ
(аз рӯи ихтисоси 03.02.14 – Захираҳои биологӣ), дотсент — Сатторов Ҷамшед Саидович

E-mail: jamshed.hvilya@mail.ru
Тел: + 992 919190126

Имзои Сатторов Ҷ. С -ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои Маркази инноватсионии биология ва тиб"- и АМИТ — Усмонова П.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734017, ш. Душанбе, кучаи Карамов 27

16. 05. 2024